**ТАҚРИЗ**
**ба рисолаи номзадии Қаюмова Дилбар Ғафуровна дар мавзӯи «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Рисолаи муҳаққиқ Қаюмова Дилбар Ғафуровнаба яке аз масъалаҳои муҳими адабиётшиносӣ - муайян намудани мухтасоти жанрию услубии ҳикояву повестҳои нависандаи маъруфи тоҷик Сорбон бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба равишҳои маъруфи адабиётшиносии муосир ҷиҳати намоён кардани ҳунари нависандагӣ ва хусусиятҳои адабиву бадеӣ ва мавзӯии осори ӯ кӯшишҳои судманд намуда, барои дарки амиқу васеи мавзӯъ роҳиро бар асоси меёърҳои санҷидашудаи илмӣ ва таҷрибаҳои устодони раҳнамои хеш кушоданӣ шудааст. Шинохти вежагиҳои ҳунарии адибони давраи нав ба сифати як бахши умдаи илм рангу равиши хос дорад ва дар ин ҷода аҳли таҳқиқ ба равшан кардани силсилаи нукоти тоза тавфиқ мeёбанд. Ба андешаи мо, муаллифи рисола дар раванди шинохти хусусиятҳои насри муосир, бахусус, ҳикояву повестҳои Сорбон таҳқиқоти ҷолиберо анҷом дода, ба дастоварди назаррас ноил шудааст.

Муҳаққиқ бар он кӯшидааст, ки дар заминаи таҳқиқи ҳикояву повестҳои Сорбон вежагиҳои ҳикояву повестҳои мавсуфро мушаххас ва нақши ӯро дар ташаккул ва инкишофи адабиёти давраи навини тоҷик нишон диҳад.

Рисола аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва китобнома иборат аст. Боби аввал «Ташаккули шахсияти эҷодии Сорбон ва осори ӯ аз назари анвои адабӣ» ном дошта, муаллиф бар асоси осори густурдаи тадқиқотӣ мақоми Сорбонро дар адабиёти давраи навини тоҷик муайян ва осори ӯро аз ҷиҳати навъу шаклҳо муайян ва дастабандӣ менамояд. Хоса, муҳаққиқ бар асоси пажӯҳиши ҷараёнҳои мактаби забони нависанда кӯшидааст, ки ҷойгоҳи адибро дар айёми хеш ҳамчун адиби соҳибсабк муқаррар намояд. Аз тарафи дигар, нақши мактаби замон ва равандҳое чун насри андеша ё психологӣ, насри лирикӣ, ҳофизаи таърихӣ дар наср ва амсоли ин дар ташаккули эҷодиёти нависанда ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Ҳамзамон, маҳз дар ҳамин қисмати рисола муаллиф бар он кӯшидааст, ки ҷойгоҳи тасвири масоили иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва таърихиро ба унвони яке аз равандҳои пешқадами адабиёти давр дар ҳикоя ва повестҳои Сорбон низ нишон диҳад, ки ин пеш аз ҳама дар муайян намудани ҳунари нависандагии адиб дар таҷассуми масоили мазкур нақши муассир гузоштааст. Ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки маҳз дар ҳамин боби рисола муаллиф дар фасли ҷудогона маҷмӯи накду баррасиҳои дар матбуот, китобҳои алоҳида ва маҷаллаву нашрияҳо роҷеъ ба эҷодиёти Сорбон анҷомёфтаро дар се даста баррасӣ намуда, маҷмӯан нигоҳи мунтақидони замонро ба эҷодиёти адиб мушаххас намудааст. Ҳамин тавр, унвонҷӯ тақризҳои дар матбуот ба осори адиб нашршуда, таҳлили мӯҳтавои рисола ва

диссертатсияҳои илмии анҷомёфта ва баррасиҳо дар раванди таҳлили ҷараёни адабии давр, манзур мусоҳибаву суҳбатҳои мухталифи мунаққидону адибонро таҳлил намуда, ба таври умум нақди осори нависандаро дар замони худ мушаххас ва нигоҳи куллии мунтақидон ва адабиётшиносонро мушаххас намудааст.

Ҷолиб аст, ки муаллифи рисола нақши мактаби адабии замонро дар шахсияти эҷодии адиб муайян намуда, мулоҳизаҳои густурдаи мунаққидонро ба эҷодиёти  Сорбон ба доираи нақду таҳлил мекашад ва таснифоти анвои адабии аз чашмандози нав ва диди тоза тадқиқ намудааст. Дар ин амр ба намунаҳои аввалини насри нависанда низ рӯй меоварад ва гуногуншаклии насри ӯро ошкор мекунад. Дар навбати дигар, роҷеъ ба раванди ташаккулу таҳаввули жанриву сохтории насри адиб ва усулҳои тасвири олами ботинии инсон мулоҳизаҳои ҷолиб баён менамояд. Ҳамзамон, ба таъсири рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ ба повестҳои «Сарлашкар», «Хӯшаи қисмат», «Буд-набуд», «Сабо», «Шинели падар», ҳикояҳои «Моргазида», «Чароғи сиёҳ», «Дуди ғализ», «Дупула», «Пирамард»  рӯшанӣ меандозад.

Унвонҷӯ дар навбати аввал сайъ намудааст, ки вежагиҳои сохтории ҳикоя ва повестҳои Сорбонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дошта, ба ин восита идомаи суннатҳои насри классикӣ, шеваҳои хоси нигориши ҳикоят ва повест дар насри муосирро дар жанрҳои мавриди назар, инчунин навовариҳои нависанда ва иқдомоти вай дар ташаккули анвоъи адабии мазкур ба риштаи таҳқиқ кашидааст.  Нуктаи дигари ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки дар рисола бори нахуст забон ва сабки баёни ҳикояву повестҳои нависанда арзёбӣ шуда, ҳунари нависандагии мавсуф дар тасвирҳои тахайюлӣ, бахусус, рамзгароиву афсонапардозӣ, қиёфасозиву манзаранигорӣба сифати шакли муҳиму вежаи ифодаи ақоиди адабӣ ба намоиш омадааст.

Мутолеаи рисола равшан месозад, ки муаллиф зимни таълифи он асосан осори мавриди назари адибро ба таври зарурӣ истифода ва таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Дар канори ин, ҷиҳати такмили ҷанбаҳои илмии рисола аз пажӯҳишоти фаровони илмии донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ истифода кардааст, ки ин амр аз арзиш ва аҳамияти шоёни илмии рисола дарак медиҳад. Сабки таълифи рисола ҳам ба меъёрҳои рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, дар ҷараёни таҳқиқ унвонҷӯ аз равишҳои муосири пажӯҳиш, аз ҷумла, таҳлилӣ-қиёсӣ, оморӣ ва амсоли ин истифода кардааст. Хулосаҳои илмии рисола низ мушаххасу дақиқ буда, аз анҷоми як тадқиқоти тозаи илмӣ дарп арсаи адабиётшиносии муосири тоҷик, хоса насри муосир паём мерасонанд.Феҳристи адабиёт бар асоси меъёрҳои муқарраршуда танзим гардида, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ва автореферати рисолаи ӯ муҳтавои аслии рисолаи илмиро таҷассум менамоянд.

Дар баробари ин дастовардҳо дар рисола нукоте ба назар мерасанд, ки тавзеҳ ва такмилаи бештар мехоҳанд ё ислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф мебошад:

1) Фасли дувуми боби аввали рисола **“Эҷодиёти Сорбон аз нигоҳи мунаққидон ном”** гирифтааст, ки бархе мабоҳиси он бо масоили дараҷаи омӯхта шудани мавзӯи рисола пайванд дорад. Хуб мебуд, ки баъзе матолиби он ба қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ интиқол дода шавад.

2) Аз муҳтавои худи рисола пайдост, ки ба эҷодиёти Сорбон пажӯҳишгарони хориҷӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аммо дар автореферати рисола ин масъала ба таври равшан ва мушаххас нишон дода нашудааст. Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ дар муқаддимаи рисола низ матолиби марбут ба ин масъала ворид карда шаванд.

Албатта, ин камбудӣ ва қайду эродҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳамияти рисоларо кам намекунанд. Таҳқиқоти Қаюмова Дилбар бар асоси сарчашма ва кутуби судманди таҳқиқӣ бо сабку шеваи хос таълиф шудааст. Гарчанде тавзеҳ ва таҳлили бархе аз масоил дар рисола назару таваҷҷуҳи амиқтаре мехоҳанд, аммо муаллиф комгор шудааст, ки дар ҳаллу фасли масоили марбут ба вежагиҳои жанрию услубии осори нависанда маҳорати хосе нишон диҳад. Тозагии таҳқиқ дар рисола бештар бо баррасӣ ва тавзеҳи муҳими чанд масъалаи барои илми адабиётшиносии тоҷик арзишманд бозгӯй мешавад. Тадқиқи масоили марбута дар рисола имкон додааст, ки унвонҷӯй ба хулосаҳои дурусти илмӣ расад. Ба назари мо, бозгӯи мухтассоти жанрию услубии ҳикояву повестҳои адиб дар илми адабиётшиносии тоҷик арзиши муҳими назариву амалӣ дорад. Дар ин замина муаллифи рисола то ҷое муваффақият ба даст овардааст.

Рисола бо фарогирии масоили муҳими адабиётшиносӣ, истифода ва таҳлили мавод, нигоҳи хос, завқи ҷолиби диққат, забон ва сабку баёни илмӣ, корбурди сарчашмаҳо ва осори пажӯҳишии зиёд таълифу тадвин шуда, дар маҷмӯъ ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он Қаюмова Дилбар Ғафуровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Декани факултети филологияи тоҷик,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент**
**ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода** **Олимова Хосият Ҳакимовна**

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734019,
ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6,
Телефон барои тамос: +(992)917-16-07-91
Email: hosiyat. olimova@mail.ru

**Имзои Олимова Хосият**
**Ҳакимовнаро тасдиқ менамоям.**
**Мудири шуъбаи кадр**
**Изатулоева М.К.**

ШУЪБАИ КАДРҲО